ХУЛОСАИ
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии №____
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 14-уми январи соли 2021, №20**

Барои сазовор донистани Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик 8-уми октябри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна 2-юми июни соли 1979 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2001 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон фаъолияти дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мисбоҳиддини Нарзиқул** мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Элбоев Вафо Ҷӯрақулович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
2. **Нуров Нуралӣ Нурович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон номзади илмҳои филологӣ А.А. Аблулназаров имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои филологӣ Ҳ.С. Қаландариён тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои**

**мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Мустаҷобова, Р.М. Ваҳдати миллӣ ва инъикоси он дар шеърҳои Камол Насрулло / Р.М. Мустаҷобова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. – № 1/2 (62). – С. 37-42.

[2-М] Мустаҷобова, Р.М. Инъикоси зуҳуроти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар эҷодиёти Камол Насрулло ва бардоштҳои фарҳангӣ аз онҳо дар замони муосир / Р.М. Мустаҷобова // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2019. – № 1. – С. 35-41.

[3-М] Мустаҷобова, Р.М. Ҷойгоҳи анъана ва маросимҳои мардумӣ дар ашъори Камол Насрулло / Р.М. Мустаҷобова // Паёми Донишкадаи забонҳо ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2019. – № 4 (36). – С. 78-85.

[4-М] Мустаҷобова, Р.М. Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Камол Насрулло / Р.М. Мустаҷобова // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2020. – № 2 (36). – С. 215-221.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Р.Ҳ. Тағоймуродов дар тақризи худ дар баробари таъкиди дастовардҳои илмии унвонҷӯ аз норасоиҳои автореферат низ ёдовар шуда, чунин қайд кардааст: «Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди дар таҳқиқот ба зуҳур расида, ки қаблан ишора гардид, дар автореферати кор баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (6, 7, 10, 14, 24) ва харобии мантиқи ҷумла (аз қабили «Ҷамъи шеърҳои сурудаи Камол Насрулло зиёда аз ҳазору панҷсад мебошад», ки ба андешаи мо

иловаи ченак, ба монанди адад, ё байту мисраъ маъниро дақиқтар ифода мекард)-ро бояд зикр намуд, ки ба матни фишурдаи диссертатсия роҳ ёфтаанд».

Дар тақризи номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази меросии хаттии АМИТ Б.С. Забеҳулло эрод ҷой надорад ва муқарриз ба чунин бардошт расидааст, ки «кори диссертатсионии Мустаҷобова Рудоба дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардида, мубрам аст ва ба ҳамаи талаботи кори таҳқиқи ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аст».

Дотсенти кафедраи адабиёти Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев С.Қ. Азорабеков дар тақризи ба Шӯрои диссертатсионӣ фиристодааш қайд меамояд, ки «кори тадқиқотии Мустаҷобова Рудоба дар илми адабиётшиносии тоҷик дастоварди тоза ва арзишманд буда, муаллиф оид ба омӯзиши замони зисту зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, мазмуну муҳтаво ва мухтассоти ашъори ватандӯстонаи Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло ва ҷойгоҳи ӯ дар қаламрави ҳавзаҳои адабии форсизабонон нахустин бор тадқиқоти ҷомеъро анҷом додааст». Дар ин тақриз низ эрод зикр нашудааст.

Дар тақризи якҷояи доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Низомӣ Муҳриддин Зайниддин ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва рушди инноватсионии МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода» Авғонов Алишер се нуктаи эроддор қайд гардидааст: 1) Дар боби сеюми фишурда барои баёни мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло дар фасле як ё ду байт омадааст, ки, ба назари мо, барои намоёндани ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир басанда нест. 2) Дар фишурда бархе иштибоҳоти имлоиву техникӣ мавҷуданд. Масалан, дар саҳфаҳои 3, 8, 13, 15, 16, 22, 23 ва 24 ғалатҳои зиёди имлоиву дастурӣ дида мешавад. Ҳамчунин, ба далели нуқсҳои фаннӣ бархе ҷумлаву калимаҳо ба ҳам часпидаанд (саҳ.: 7, 11, 12, 13, 14, 18, 19, 20, 21, 22, 23). Ҷамъбаст шудани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаб бо як феъл низ дида мешавад, ки аз нигоҳи услуб қобили қабул нест (саҳ. 6). 3) Номи бархе ашхос, унвони шеърҳо ва калимаҳо дар фишурда ду шакли навишт доранд: Абдураҳмони Абдуманнон (саҳ.: 3, 6), Абдураҳмони Абдуманнов (13), ниёгон (саҳ.: 13), ниёкон (саҳ.: 12), қолаб (саҳ.: 22), қолиб (саҳ.: 22), «Симои садод» (22), «Симои Садод» (25). Ҳамчунин, соли нашри маҷмӯаи ашъори Камол Насрулло «Рӯ ба меҳроби Ватан» дар як ҷо 2007 (саҳ. 4) ва дар ҷойи дигар 2010 (4, 12).

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои

илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор донистаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда дар мисоли ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло ба таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии шеър пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар асоси маҷмӯаҳои ашъори Камол Насрулло – «Навгонӣ» (1978), «Номаи боли кабӯтар» (1988), «Нома ба офтоб» (1988), «То даме лонаҳо гарманд» (1993), «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» (1996), «Дар фурудгоҳи як таманно» (2003), «Форосӯи нигоҳ» (2007), «Рӯ ба меҳроби Ватан» (2010), «Зангӯлаи фарёд» (2011), «Ашки сапеда» (2011), «Дар оғӯши хазонрез» (2018) ва ғайра сурат гирифта, ашъори ватандӯстонаи шоир дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии маъмул **коркард карда шудааст.**

Таҳқиқи масъалаҳои рӯзгор, накши муҳити хонаводагӣ дар ташаккули шахсияти шоир, фаъолияти адабии серпаҳлу, мавқеи лирикаи иҷтимоӣ дар эҷодиёти адиб, теъдоди ашъор, мавқеи анвои суннатӣ ва шеърҳои нимоиву сапед дар эҷодиёти шоир, таъйини диди эстетикӣ, услуби бадеӣ, маҳорати нигорандагӣ ва вижагиҳои ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло ба сифати нукта ва масъалаҳои меҳварии ҳимояшаванда **пешниҳод шудаанд.**

Унвонҷӯ дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордодааш муайян намудааст, ки дар ашъори шоир, ифодаи образҳо, сифати бадеӣ ва дастовардҳои шоирона, баёни воқеияти зиндагӣ, арзишҳои ҳунарӣ, бозёфтҳои адабӣ ва услуби фардӣ ба таври барҷаста ва бармало ба назар мерасанд. Инчунин, бо овардани далелҳои муътамад ва зикри мисолҳои фаровон исбот шудааст, ки Камол Насрулло аз оғози фаъолияти эҷодӣ то имрӯз роҳи муайян ва қобили мулоҳизаи эҷодиро тай карда, ҳамчун шоири хушзавқ дар инъикоси яке аз мавзӯъҳои марказии адабиёти гузаштаю муосири тоҷик – мавзӯи Ватан ва ватандорӣ пешгом аст. Ҳамин тавр, дар диссертатсияи унвонҷӯ масъалаи таъйини навовариҳои Камол Насрулло дар шаклу мундариҷаи ашъори ватандӯстона **хуб мушаххас шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** ин таҳқиқ дар омӯхтани таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, ҷараёни такомули назми солҳои 80-90 садаи XX ва даҳаи аввали садаи XXI, баррасии шеъри муосири тоҷик, инъикоси мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ дар адабиёти тоҷик барои адабиётшиносон ва дигар мутахассисони адабиёту фарҳанги тоҷик ҳамчун маводи илмӣ ёрӣ мерасонад.

Маводи дар диссертатсия фароҳамомада, пешниҳодҳои назарӣ ва хулосаҳои ба даст овардаи унвонҷӯ ҷанбаҳои назарии омӯзиши хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии шеъри тоҷикиро дар адабиёти давраи навин тақвият бахшида, дар таъйини вижагиҳои ашъори ватандӯстона дар давраҳои гуногуни таърихӣ, умуман, шеърҳои ватандӯстонаи адибони ҷудогона, мусоидат карда метавонад. Натиҷаҳои дар заминаи мабоҳиси ҷудогонаи диссертатсия ба даст омада ва равишҳои пажӯҳишии мавриди назари моро дар таҳқиқоти ҳамгун низ метавон истифода кард.

Дар диссертатсия аз методи китобхонаӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва таҳлилӣ **истифода бурда шудааст.**

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона аз таҷриба ва дастовардҳои илмию методии муҳаққиқону суханшиносони барҷастаи ватанию хориҷӣ, ба монанди Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Худойназари Асозода, Абдурраҳмони Абдуманнон, М. Нарзиқул, Л. И. Тимофеев, Д. С. Лихачёв, Н. Поспелов, В. Хализев, М. Б. Храпченко, Сируси Шамисо ва дигарон самаранок **истифода шудаанд**.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** маводи ҷамъовардашуда дар диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои мавзӯию ҳунарии ашъори ватандӯстона, таълифи китобҳо перомуни таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи Истиқлол, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода кард.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаю муҳокимаи афкору осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ **асоснок карда шудааст**.

Дар диссертатсия бори аввал оид ба рӯзгору осор ва хусусиятҳои мавзӯиву ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло таҳқиқ гардида, дар ин замина мавқеъ ва саҳми шоир дар рушди шеъри иҷтимоии замони истиқлол **муайян карда шудааст.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ нақши Камол Насрулло дар ташаккулу таҳаввули ашъори ватандӯстонаи адабиёти давраи нави тоҷик **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 7 сол дар баробари фаъолиятҳои адабию ҷамъиятӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, тасnифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори

илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои сатҳи гуногун суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи 4 мақолаи марбут ба кор мебошад, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2021 дар бораи ба Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 18 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 7 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Дар овоздиҳӣ 18 нафар иштирок намуд. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 18 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.